# ТИРЕЗА

БЮЛЛЕТЕН

ҷилди 2, НАШРИ 7
ноябр 2009



Культурный Центр "Бактрия"
734000, Душанбе
ул. Мирзо Ризо 22

Bactria Culture Centre
Mirzo Rizo Street 22
734000, Dushanbe

Tel: +(992) 221-81-34
227-02-57
www.bactria.net | bactria@acted.org

# Фикри ғайрикасбӣ

Ман ҳатто намедонам, ки оё ҳоҷати ба чунин чизҳо иқрор шудан бошад ё не, лекин ман мисли бисёри одамони шаҳрие, ки дар масъалаҳои мусиқӣ на онқадар фаҳмиши зиёд доранд, як вақтҳо мусиқии анъанавии халқиро ҳамчун «чизи кӯҳнашуда», бо чанг зер кардашуда фикр мекардам, мисли дар қаъри сандуқи момогӣ бо чизҳои арӯсӣ хоб рафта бошад. Акнун ман бо боварии комил гуфта метавонам, ки бештари он чизҳое, ки мусиқии анъанавӣ номида мешавад, маҳз ҳамчун чизи гандашуда ва хушкшудагии сандуқи кӯҳна мебошад, ки аз он гӯё бо дастпӯшакҳои тоза, ва бо рӯи ҷиддӣ, гӯё кори бузургро – нигоҳ доштани мероси аҷдодони бузургро карда истода барин, ки ҳамчун далели ягонаи давлатмандии ҳамзамонон бошад, мебарорем. Ва ман инчунин медонам, ки мусиқии анъанавии тамоман дигар мавҷуд ҳаст, ки дар худ гузаштаи бо нури замон шикасташударо дорад, вале қариб ки бехато ҳозираро инъикос менамояд. Мусиқие, ки мафҳумҳои воқеиро ба мо медиҳад, хиҷолат ва нофаҳмоиҳоро меорад.

Дар бораи завқҳо баҳс намекунанд, аммо ба консерти «Само» ақалан барои фаҳмидани он ки чӣ тавр мусиқии халқӣ ҳозиразамон, шавқовар ва ҳаяҷоновар мебошад рафтан мумкин, на барои он ки онро аллакай садҳо сол боз менавозанд, шояд ҳатто ҳазорҳо сол бошад, ё шояд ҳатто тамоман ин тавр набошад, лекин барои он ки бо таҷрибаи беҳамтои мусиқӣ, ки ҳозир ва дар ҳамин ҷо эҷод мешавад, таъсирот мегирӣ. Ин ҷаз нест, ва ҳатто на фюжн ва на фолк+ мебошад, «Само» як қадам ҳам аз жанрҳои анъанавӣ – фалак, мадо, фолклори тоҷикони кӯҳӣ, анъанаҳо ва мақомҳои динӣ дур намешавад, балки имконияти калони эҷодиётнокии муаллифӣ ва иҷрои дохилӣ ин фазоро мекушояд. Мусиқии «Само» - ин экспонати осорхонаи этнографӣ нест, балки аниқтараш маҳсуле, ки дар лабораторияи эксперименталии эҷодӣ ба даст оварда шудааст, вале на бо роҳи синтез, балки бо роҳи анализи спектрӣ, ки он чизе ки номаълум нофаҳмо ва назарногир мебошад, аён кардааст. Ин мусиқии таъмир карда шуда, ва шарҳи озод намебошад – ин тарзи фикр, эҳсос, сухангӯӣ, пурсиш ва баъзан вақт ҷавоб гуфтан мебошад...



***Георгий Мамедов***

**Он ҷое, ки одамон ва эҷодиёт во мехӯранд**

www.bactria.net

Ҳайати муҳаррирон: Адриенн Рушка, Анна Басанова (муҳаррир)
Тарҷумонҳо: Фарух Кузиев, Толиб Бахромӣ,
Суратҳо: Ҷамшед Холиқов, Антон Рухлов. Дизайни муқова: Антон Рухлов.

**Партнеры**: ACTED, Посольство Франции, Посольство США, Посольство Великобритании Швейцарское Управление по Развитию и Сотрудничеству, Европейская Комиссия в Таджикистане.

Бактрия_Арт Вижн

# Шинохта шудан

«Шинохта будан» - қисми дуюми лоиҳаи STILLS ва инкишофи майли консептуалие, ки дар давраи якум супоридашуда буд.

Худи сарлавҳаҳо-шиорҳои ду намоишгоҳи якум – «Намоён шудан» ва «Шинохта шудан» мебошанд, ки ҳамчун нишона, фардияти ким-кадом мушоҳидакунандаро қайд мекунад, ки вай «мебинад» ва «мешиносад». Яъне, аслан, андоми шахси Дигарро (албатта, ҳамчун чунин андом «Дигар шахси ботинӣ» шуда метавонад).

Маҳз бо муносибатҳо бо ин андоми ҷовидонӣ, феъли марҳалаҳои лоиҳа муайян карда мешавад.

Қисми якумаш майли ибтидоӣ, қариб ки физиологиро амсила кардааст: ҷалби диққат. Барои ҳамин сурат-филми «Ҷозибнокӣ» дар симову-алангаҳои алоҳида ва домҳои махсуси идрокӣ, сохта шуда буд.

«Ҳикояҳо» ва «нақлҳо» - бешак, ки дар ҳар як тасвир вуҷуд доранд – фушурда, ҷафс карда, дар шакли синтетикӣ ғализ кардашуда, пешкаш шуда буданд.

Ё он ки дигар хел карда гуфтан мумкин, - дар филми якум услуби санъатӣ дар асли худаш намоиш дода шудааст, пайроҳаҳо, шаклҳо ва услубҳо (маҷоз, оксюморон, монтажи аттраксионҳо ва ғайраҳо) амсила ва «санҷида шудаанд».

Дигар хел гӯем агар – «мундариҷа» бартарӣ намекарду, балки шакл ҳамчун синоними оташинӣ буд.

Филм «нақл» намекарду, балки «нишон медод».

«*Шинохтан*» - марҳалаи оянда баъд аз марҳалаи эҳсоснокии «*дидан*» буд. Навбати кори консептуалӣ оғоз мешавад. Мо ба таркиб додани ратсионалӣ мегузарем. Объекти таркибдиҳӣ бошад танҳо *айният* мебошад.

«Шинохта шудан» - формулаи айниятбарорӣ мебошад (мафҳуми «бозӣ», ки барои ҳамаи филмҳо умумӣ мебошад, дар ин ҷо бошад ҳамчун «бозии аз рӯи нақш» амалӣ мегардад).

Аз барои ҳамин «Маҳалнокӣ: Шинохта будан» бештар ақлӣ ва логотсентрикӣ аст. Вай кувваи ботинии калони ҳикоятнокиро дорост: дар қатори тасвирҳои алоҳида, сурат-силсилаҳо вуҷуд доранд – ҳикояҳои паҳн карда шуда, ки дар вақт тӯл мекашанд (дар симои ягонаи ҷозиб ҳамҷоя карда нашудаанд, ҷуноне ки дар филми якум буд). Барои ҳамин суратҳое, ки дар «Маҳалнокӣ» дароварда шудаанд, ду баробар аз филми якум зиёдтар мебошад (235 муқобили 113).

Мавзӯъҳо ва сюжетҳо бештар ифода ва тақсим шудаанд. Иддао ба назари манзаравӣ мебошад, на ба бесилсилавӣ.

Дар филм имкониятҳои бисёр истифода мешавад, то он ки «шинохта шаванд». Рассомон формулаҳои гуногуни визуалии «Маҳалнокиро» пешкаш менамоянд – аммо танҳо ду гурӯҳи калони чунин формулаҳоро муайян карда мешавад.

Дар филм суратҳо пай дар пай намоиш додашудаанд, мисли он ки дар намоишгоҳҳои анъанавӣ асарҳо дар толорҳое, ки мавзӯъҳои унвонӣ доранд, ҳамон тавр гузошта шудаанд.

Дар ин ҷо ман мехостам, ки ақибгардӣ кунам ва қайди муҳимро гӯшрас кунам.

Ҳар як филми STILLS артефакти экспериментаилю синтетикӣ мебошад, ва гумон аст, ки вай ҳамчун «синамо» ё «видео-арт» муайян карда шавад. Ин аниқтараш, амсила, ё як навъи *намоишгоҳ* мебошад.

Вай аз намоишгоҳи анъанавӣ бо он ҷиҳат фарқ мекунад, ки на фазоӣ, балки бо замон вусъат меёбад.

Дурустар гӯем агар, намоишгоҳ ду ченак дорад: *замонӣ* - ҳамчун сурат-филм, ва *фазоӣ* - ҳамчун видео-инсталятсия (1).

Сурат-филм пешниҳоди ҷафс карда шудаи (фазоро сарфа карда) якчанд асарҳои рассомон ва як асари навозандаҳоро бо худ муаррифӣ мекунад.

Гарчанде ки истинодҳои хеле айёни синамографӣ ҳам бошад, лекин ин дар айни ҳол «синамо» нест, балки «намоишгоҳ» мебошад, зеро ки дар синамо кори коллективии гурӯҳ ба навор гирифта шуда, пешаки муайян карда мешавад. Дар намоишгоҳ бошад – махсусан дар намоишгоҳи калон – артефактҳои тайёр, ки пештар мустақилона бо рассомон эҷод шуда буданд, дар синтагмаи ягона бо кураторон даровара мешаванд.

Инак, «мавзӯъҳои калони» филми «Маҳалнокиро» чунин муайян кардан мумкин аст.

1. **Айнияти этникӣ / айнияти континенталӣ (осиёгӣ)**

Ин мусоҳибаро чунин нишон додан мумкин «*мусоҳибаи ба худ хос будан ва асл будан*». Вай ба ду сатҳ тақсим мешавад:

1. «*Байни гузаштаи бузург ваояндаи бузург*»: тақдими расмӣ. Муҷассамаҳо ва базмҳои театралӣ.

Филми «осмонӣ»-ро силсилаи Yanagi мекушояд, ки қуллаҳои рамзии пойтахти осиёро назорат мекунад. Кори ҳамон муаллиф мебошад – нигоҳ ба шаҳр аз баландии парвози паранда – гӯё маҳз оптикаи бузургиро, оптикаи чизи расмиюбаландро амсила мекунад.

Симои марказии ин қисми филм Эркиндики бишкекӣ, Ҳайкали Озодӣ мебошад (корҳои иштирокчиёни гурӯҳи "…графия"). Назар ба дигар намоишҳои рӯҳи ҳукуматдорӣ, ин хеле "мулоим", демократӣ менамояд. Таҳи Ҳайкали Озодӣ, дар утоқҳои таҳхонавӣ дар майдони Ала-Тоо намоишгоҳҳои байналхалқии санъати муосир мегузарад, ва гӯё Эркендик парастори махфии онҳо бошад.

Вале бо вуҷуди ҳамаи алоқаҳои хуби маҳаллиаш, Ҳайкал ҳамчун рамзи ҳокимият мемонад. Ба гуфти Борис Чухович, ки муаллифи тадқиқот мебошад, "Ҳайкали Истиқлолият. Мифологияи соха ва гуфтугӯи ҳокимият мебошад" (2), "…Озоди дар кура аз Ники ба вуҷуд меояд, маъбудаи ғалабае, ки онро император-демиург якҷоя бо ҳокимият дар даст мекапад. Инқилоби Фаронса демиургро бардошт, вале онро нест накард…". 2. "*Саъй сӯи ҳақиқат*". Симоҳое, ки бо шуури коллективӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар маркази тадқиқоти рассомон ҳамон "локусҳо" ё гетеротопияҳо мебошанд, ки онҳоро шуури коллективӣ бо хусусияти аз нав ба вуҷуд овардани махсусият ва ҳақиқати тамаркуз додашударо ва ҳатто пурвиҷд бударо мебахшад. Мисли чунин "намудҳои ахлоқӣ ва рӯҳӣ" – ҳамчун *бозор* ва *қабристон* (Алина Толстихина, Наталя Андрианова), - ва чунин гетерохронияҳои анъанавӣ, мисли *ид* (Умида Ахмедова). Инчунин мисли ҳамин гуна ҷойҳо, ландшафтҳои рамзии – *дашт* ва *кӯҳҳо*, мебошанд.

Асари Александр Фёдоров, ки оқсақоли хобидаро дар назди решаҳои дарахти куҳантасвир кардааст, иллюзияи асотираро бо ҳамон тарз муҷассам мекунад, ки ин расми афсонавӣ бо тарзи сохтакорӣ карда нашудааст, балки аз воқеият, ки дар воқеъ мисли хоб мебошад, гирифташудааст.

Редеконструксияҳои симоҳои шарқӣ бо асарҳои Мумтоз Камолзода ва Мурод Шарипов, Юра Усеинов, Ҷошуа Мирзоахмедов, пешкаш шудаанд.

**Давомаш дар саҳифаи 4**

# Шинохта шудан. *давомаш...*

2. **Айнияти граждании *пас аз давраи шӯравӣ***

Саравнал қайд кардан даркор аст, ки дар қисми якуми филм ҳам аломатҳои руҳии *пас аз давраи шӯравӣ* вақт-вақт пайдо мешаванд (айнияти иҷтимоӣ - *комплекси* диалектӣ, ва онро танҳо бо теғи анализ ҷудо кардан мумкин аст).

Чунин мавридҳои синтетикӣ - омехта кардани чизҳои «миллӣ» ва «советӣ» - барои ҳолатҳои маҳаллӣ/минтақавӣ хос мебошанд, ва дар мушоҳидаҳои ҷолиби рассомон зоҳир мешаванд.

Суратҳои Гулнара Касмалиева ва Муратбек Ҷумалиев «Оила дар юрта» (аз лоиҳаи «Роҳи нави абрешимӣ»), нишон медиҳад, ки чӣ тавр услуби советии маишӣ (паннои рӯи деворӣ бо мурғони қу ва оҳуҳо) ба тезауруси визуалии миллӣ ҳамҷоя шудааст. Юрт – амсилаи олам мебошад, ва дар гилеми намадин офтоб тасвир шудааст, рамзи асосӣ аст. Тасвири мурғони қу бошанд ба нақш даровварда шудаанд, ки ин чиз ба таркиби хона нишонаҳои махфиро медиҳад.

Силсила асари Наталя Андрианова мафҳуми «ҳамҷоягии зиккуратҳоро» (зиккурат - манораи зинадори ибодатӣ дар меъмории Месопотамия мебошад) муаррифӣ мекунад, ки бо аломатҳои махфии доктринаҳои гуногун нақш карда шудаанд (Ситораҳои советӣ ва ҳилолҳои мусулмонӣ).

Гуфтугӯи баъди даврони советиро ҳамчун «*муҳосибаи талафотҳо ва умедҳо*» номидан мумкин. Инчунин дар ин ҷо якчанд роҳҳоро ҷудо кардан мумкин мебошад, гарчанде ки албатта комплекси рӯҳии баъди даврони шӯравӣ - ин маҳз *комплексе* мебошад, ки дар худ ҳам таркиби манфӣ ва ҳам таркии мусбиро дорад.

1) Айнияти «бархамхӯрдан»

«Баъд аз барҳамёбии СССР Ҷаҳони дуюм ба Ҷаҳони сеюм табдил ёфт. Чунин ақида на танҳо дар шуури шаҳрвандони давлатҳои собиқ шӯравӣ, балки дар рисолаҳои мутахасисони ҷомеашинос низ вуҷуд дорад (3).

Марҳалаҳои чунин айният – симоҳои «вайроншавӣ», «носозӣ», «маҳрумият» мебошанд.

Дар ин ҷо доираи сюжетӣ ва симоӣ хеле васеъ мебошанд.

Рассомон ҳам нишонаҳои зангзадагии ҷангро (Ҷамшед Холиқов), ва ҳам нишонаҳои харобаҳои инқилобиро (Анатолий Колесников) қайд мекунанд, ҳам боқимондаҳои ҳайкалҳои советӣ (Алимжан Жорбаев), ва ҳам муҳити демократии бозорро, ки ин даъфа ҳамчун майдони меҳнати сиёҳ муаррифӣ шудааст (Дмитрий Петровский ва Чингиз Айдаров).

Аммо, асарҳоеро, ки дар ин қисми филм пешкаш шудаанд, танҳо ҳамчун танқидӣ гуфтан мумкин нест.

Дар силсилаи Александр Шиндин, ки мафҳуми муҳити маишии зидди буржуазӣ ва люмпениро пешкаш менамояд, ҷилои озодиро дорад, мисли Диана Арбус ва Нан Голдин.

2) Айнияти «маҳалли ғайримарказӣ»

«Пас аз он ки мо аз ҷузъи империя (марказ) баромадем, мо маҳалли ғайримарказӣ шуда мондем» - ин ҳам «константаи даруни» асотири давраи баъд аз шӯравӣ мебошад.




Мавзӯъи «металлӣ» - мавзӯъи материалиятнокии Ҷаҳони сеюм, бо композитсияҳои минималистии Айтегин Муратбекуглу пешкаш шудааст, ки номгӯи лирикиашро, ва ҳам хаёлпарастона ва тамасхуромез, бо сурат-намоишҳои «...графия», ки Инна Семёнова сурат гирифта буд, меёбад.

Дар ин қисми филм инчунин якчанд маҷозҳои назарнигори намоён ва мутоибағӯӣ пешкаш шуда буданд (Георгий Колотов, Артур Болжуров, Алексей Румянсев ва ғайраҳо).

3) Айнияти «меросиён ва ворисони рӯҳи советии хаёлӣ»

Қувваи тадриҷан шиддатёбанда ва некбахш дорад. Таркибаш: интернатсионализм, кушодадилӣ, адлҷӯӣ, далерӣ, бародарӣ, ёрии ҳамдигарӣ, «соддадилӣ», самимият, энтузиазм мебошанд.

Ин қисми ниҳоии филм – кӯпрукчае ба марҳалаи сеюми лоиҳаи бо номи «STILLS-Ҳаваскорӣ: «Будан ё набудан» шуда барои идеяи «бозӣ барои Худ» мебошад, ва на «намоиш барои Дигар кас».

Слайд-намоишро силсилаи Мирбек Кадралиев «Flexi-communication», ки бо тарзи ҳаҷвӣ, бе таҷовузкорӣ (дар ҳақиқат flexible) чаҳорчӯбаҳои ҳар як амсилаҳои коммуникатсионӣ/айниятӣ/гуфтугӯиро ва инчунин худи универсалӣ будани мафҳуми «айниятро» ҳам, зери шубҳа мегузорад.

(1) дар намоишигоҳи якум зоҳирӣ намудани мафҳуми «Ҷолибнокӣ» бо воситаи «бозии» сохти драматургӣ, ки дар натиҷаи ба кор бурдани фабулаи фазоӣ («услуби осорхонавиро»), сахттар карда шуда буд.

Ба толори намоишгоҳӣ даромада, тамошобин наметавонист филмеро, ки дар девор бо проектор нишон дода мешуд, бинад. Ба чашми ононе, ки ба толор медаромаданд, танҳо тамошобиноне меафтиданд, ки ба болои онҳо ҳамон филм бо тарзи тез намоиш дода мешуд (ду проектори иловагӣ бошанд, тасвири нофаҳморо инъикос менамуданд, зеро ки аз барои суръат ва нодуруст нишон доданашон, шуояш ба фарш ва ба мардум меафтоданд).

Ҳамин тавр, тамошобинон қисми инсталлятсия шуданд, бадани онҳо ба «матни нофаҳмо» табдил ёфта, онҳо танҳо ҳамчун объектҳои намоиш муайян мешуданд.

Танҳо ба қаъри толор қадам монда, тамошобин «намоишро дида метавонист», лекин ҳангоми ин, ӯ ҳам, барои одамони медаромадагӣ як кисми намоиш шуда мемонд.

Чунин кори намоишӣ, муҳити саҳнаи калонро ва бозии инъикосиро эҷод менамуд.

***Оксана Шаталова***

(2) http://magazines.russ.ru/nz/2009/4/ch18.html
(3) Мисол, http://www.politstudies.ru/N2004fulltext/2000/4/5.htm

# Помир: қайдҳои сафар

Қаблан лаззат бурдан, шавқ, кунҷковӣ муҳаррикҳои асосие мебошанд, ки , сарфи назар аз ҳама чиз инсонро идора мекунанд. Ҷои аз ҳама хуб ва зеботарини Тоҷикистонро зиёрат карда, ман бори дигар инро фаҳмидам.

Ҳар сол ҳазорҳо, тӯда-тӯда одамони кунҷкобу ҳавасманд аз ҳар гӯшаю канори замин, барои қонеъ кардани ташнагии ҳавасмандӣ ва кунҷкобии худ, ба инҷо меоянд.

Интизорӣ беҳаддуканор буд, гӯё махсус қавӣ будани одамҳоро месанҷид. Ҳама чиз дар дарун аз пур шудани эҳсосотҳои омехтаи – хастагиву ғазаб, суботкориву истодагарӣ, эътироз мекард.

Ин рейс ҳам, чун рейсҳои қаблӣ дер мекард.

Парвоз дарозмуддат набуд, вале хеле таъсирнок ва фаромӯшнашаванда гузашт. Дар назар менамуд, ки ту парандаи калон – моҳихӯрак ҳастӣ (чайка), ва аз кӯҳҳо ва баландӣ натарсида, боми ҷаҳонро ба худ кушоданӣ ҳастӣ. Баландӣ ҳар дам аз як тараф ба тарафи дигар, аз боло ба поён моро мепартофт – дар бораи хатар огоҳӣ мекард. Дар поён бошад қолини нақшу нигор додашуда – хонаҳо, заминҳои шудгор кардашуда, дарёҳои кабӯд, ки аз ин ҳама чизҳо дидан карда, дар бораи хатарҳо фаромӯш мекунӣ, ва аз баландӣ, ҳаёти дар поён гузаштаистодаро бо завқ тамошо мекунӣ.





Ана он - қисми шарқии Тоҷикистон – Помир, беназир зебо, дурдаст, соҳибихтиёр, тозатарин ва гӯшаи дастрасонданашуда…

Ин зебоӣ, Ки ба ваҷд меорад, тасвирнашаванда мебошад, аз диданаш сер намешавӣ. Кӯҳҳояш зебогии сеҳрангез ва бемислро доранд. Ба назар мерасад, ки гӯё онҳо наздик ҳастанд, аммо ҳангоми ба назадашон рафтан гӯё онҳо дуртар мешаванд.

Қоидаи якуме, ки дар Помир донистан лозим – ин ба корҳои худ «нақша накашидан» мебошад. Риояи ин қоида барои ногувор гузаштани сафар ёрӣ медиҳад… Ва ҳамаи онҳое, ки ба ин ҷо меоянд, ин қоидаро риоя мекунанд. Ин макон гӯё мехоҳад, ки туро абадӣ дар ҷои худ дастгирад, ва ба ивазаш тамоми ҳастӣ, беҳамтоӣ ва соддагии ҷаҳони начандон клони худро доданӣ ҳаст.

Дар пеш манро вохӯрии гарм бо аҳолии Хорог интизор буд. Фурудгоҳи Хорог – ин умуман қиссаи алоҳида мебошад. Вай гӯё соҳили алоҳида бошад, ки вақт ва қоидаҳои худро дорост, ва ҳангоми ин касе бо дилпурӣ гуфта наметавонад, ки рейси ту Хорог-Душанбе манқуф гузошта намешавад.

«Толори мунтазиршавӣро», ки ман фавран дида натавониста будам, диққати маро бо мардуми худаш ҷалб кард, ки аз болои дарвоза сарашонро бароварда шиносҳои худро мекофтанд. Ман бошам, дар ин маврид дар андешаи он будам, ки боз чӣ кор кунам, ба куҷо равам. Аммо зеро ки аз тарафи «толори мунтазиршавӣ» садоҳои мардум меомад, ман ниҳоят фаҳмидам, ки ба сӯи дарвозаҳои махкам, Ки он ҷо мардум тӯда шудаанд, рафтан лозим аст. Аз дарвозаи фурудгоҳ баромада, ман каме ба ҳайрат омадам, ки назорат ва санҷиши гумрукиро гузаштан зарурият набудааст.

Мардуми шаҳри Хорог ба ҳама чизҳои гирду атроф будаашон – ба ҷойҳои шоёни диққати шаҳрашон, инчунин ба ҳамсояҳояшон ва ба меҳмонони меомада, бо ҳаяҷон ва эҳтироми гарм муносибат мекунанд. Ҳама ба якдигар мисли хешутабор, бародар ва хоҳар рафтор мекунанд, ҳатто сагҳои дар гирду атроф мегаштагӣ ҳам, ҷузъи ҷудоинопазири аҳолӣ мебошанд, ки бо қоидаҳои умумӣ зиндагӣ мекунанд ва ҳеҷ касро нороҳат намекунанд.

Ҳамон светофори машҳурро, ки дар шаҳрак ягона мебошад дидам. Вай кор намекунад, вале ҳамчун ҷойи асосии барои вохӯриҳои аҳолӣ ва барои мусофирон ҳамчун нишона, хизмат мекунад.

Боғи нави марказиро зиёрат кардам, ки дар он идораи яке аз ташкилоти фаъолона ва бо муваффақият инкишофёбандаи - «Де Памири», ки доир ба эҳё намудани ҳунарҳои косибӣ кор мекунад, хеле мувофиқ ҷойгир шудааст. Ин ассотсиатсия зиёда аз 100 нафар занҳои ҳунарманди фаъолро дар бар мегирад, теъдоди онҳо сол то сол меафзояд. Барои баланд кардани сифати маҳсулот, бо ҳар як зан корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад. Барои бофтани ҷӯробҳо, базаи калони нақшҳои ҷамъ карда шуда, вуҷуд дорад. Дар пайёомҳои рамзнависӣ карда шудаи маҳсулотҳо, муносибатҳои халқҳоро, фарҳангҳо ва таърихро мушоҳида намудан мумкин аст.

**Давомаш дар саҳифаи** 6

## Помир: қайдҳои сафар. *давомаш...*

Тасвирҳо аз олами атроф, табиат, рӯзгори халқӣ, этикодҳо ва ҷаҳонбинии шахсӣ гирифта шудаанд. Маҳсулотҳои пашмин, махсусан ҷуробҳо, шакл ва андозаҳои гуногун доранд, ки дар худ гуногунии нақшҳои қадимиро гирифтаанд. Маҳорати хунарманд-зан чунон баланд мебошад, ки дар назар менамояд, гӯё ӯ ба ҷараёни кори бофандагӣ аҳамият намедиҳад, лекин ҳаракатҳои дастҳо озод ва дар даровардани нақш дуруст мебошад. Ба назар менамояд, ки хунарманд-зан ранг ва шакли нақшро бо нӯгҳои ангуштонаш эҳсос менамояд. Ба мағозаи «Де Помири» даромада ба олами ҳунармандони доир ба намадбофӣ ва пашмбофӣ воқеъ мешавӣ. Дар ин ҷо савобдиди зиёди сарпӯшҳо ва шиппакҳои намадин вуҷуд дорад. Ҳар як маҳсулот бо сабки миллӣ ва бо вобастакунии табъи муосир тайёр карда шудаанд.




Рӯзи ояндааш ман бояд ба сафар, ба баландии 3500 метр аз сатҳи бахр, бароям. Ин ҷои афсовиест, ки дар бораш то ҳол менависанд ва ҳар касе, ки он ҷо ақалан як бор будааст дарҳол мафтун мешавад. Ин макон чунон дурдаст мебошад, вале сарфи назар аз ҳама чиз, вуҷуд дорад ва инкишоф меёбад ва номаш Мурғоб аст.

Мурғоб – макони фазои кушоди андешаҳо, қайдҳо ва таассуротҳо мебошад. Тамоми вақте, ки ман дар он ҷо меистодам, аз тааҷҷубиҳо ва мафтуниҳо иборат буд. Тааҷубӣ ба тарзи ҳаёти аҳолӣ ва мафтунӣ ба пешравиҳои онҳо ва хоҳиши зиёди онҳо барои инкишофёбӣ ва дар он ҷо зистан. Муошироти начандон тӯлонии се соатае, ки бо аҳолии ин макони баландкӯҳ - яъне бо занони ҳунарманди ассотсиатсияи «Як Ҳауз» гузаронидам, самимият ва дилгармии онҳо ба ман табъи болида бахшид. Дар вақти тақдимот ҳама бо диққат гӯш мекарданд, баъзан вақт чизҳои ҷолибро қайд мекарданд. Дар ҷараёни муҳокимакунӣ, мушоҳида кардам, ки чӣ тавр чашмони онҳо медурахшид, ва фикру андешаҳояшонро бо завқ баён мекарданд. Бо занони ҳунарманд шинос шудам, ки бе истифода намудани гарда гулдӯзӣ мекунанд, ва аз пашм худашон ресмонҳо мебофанд, онҳоро ранг мекунанд, ва баъдан қолинҳо мебофанд, бе истифодаи услубҳои муосир. Ҳар як маҳсулоти алоҳида сирати ҳунармандро дар худ дорад. Ҳамаашон хоҳиши зиёди нигоҳ доштани услубҳои анъанавии тайёр намудани маҳсулотҳоро доранд ва ин мехоҳанд, ки ин услубҳоро аз насл ба насл расонанд.

Чеҳраи ҳар як зан, тақдири худро ифода мекард, дар бораи қисмати занонаашон дар ин макони дур дааст, ки бо омилҳои иқтисодӣ, табиӣ ва иҷтимоӣ фишор оварда шудаанд. Лекин, нигоҳи қавииродаи онҳо ба фардои неки ин занон эътимод мебахшид.

Баъд аз вохӯрӣ қарор гирифтем, ки ба қаҳвахонаи маҳаллӣ барои хӯрдани хӯроки шом равем. Мурғоб начандон калон мебошад, ва онро ба осонӣ даврзада баромадан мумкин. Шаҳр як роҳи рост дорад, ки он аз байнаш бурида мегузарад. Биноҳои аҷоиб бо услуби меъмории нав сохта шудаанд – бисёри хонаҳо барои мусофирон ҳамчун меҳмонхона хизмат мекунанд, ки онҳо бо забони хориҷӣ номгузорӣ шудаанд «Ҳоум Стейз», ва ман дар яке аз чунин меҳмонхонаҳо ба як шаб истодам. Тсистернаҳо, вагонҳо (қаторахо) ва юртҳо низ, ҳамчун ҷузъи меъмории ин шаҳр мебошанд. Бениҳоят аҷоиб аст, ки одамон тавонистаанд қатораи боркашии оддиро ба қаҳвахонаи маҳаллии барои аҳолӣ ва меҳмонон табдил диҳанд.

Дар ин қаҳвахона шумо метавонед алоҳида дар хоначаҳояш, ки бо пардаҳо маҳкам мешаванд, нишинед. Пӯшида будани парда, дар бораи ишғол карда шудани хонача нишон медиҳад. Менюи қаҳвахона аз таомҳои гуногун иборат мебошад, аз гӯшти бирён сар карда, то тушбера ва қаламфури қимадор.

Рӯзи оянда барфи якуми имсола манро озодона, боназокат, пош хӯрда ва об шуда гусел мекард. Рейси бозгашт аз Мурғоб ба Хорог маҷбур намуд, ки бисёр интизор шавем. Ба ғайр аз ман, ронанда ва як мусофири дигар, дар мошини мо боз ду гӯсфандро бор карда буданд. Тааҷҷубангез буд, вале гӯсфандон, гӯсфандона рафтор намекарданд – яъне доду ғавғо намекарданд. Танҳо бӯи онҳо, ки дар бораи дар мошин будани онҳо шаҳодат медод, дар роҳ каме нороҳат мекард. Дар роҳ, якчандбор бозистодем, лекин қарибиҳои бегоҳирӯзӣ ба Хорог расидем.

Шаб гузашт, ва дар пеш роҳи тӯлонӣ ва пурхатари Хорог – Душанбе манро интизор буд. Дар роҳ маро танҳо фикрҳои неке, ки гирифта будам ҳамроҳӣ мекарданд, дар бораи сафари бо муваффақият гузашта, таҷрибаи гирифтаи ман, ва дар бораи он ки чӣ тавр меҳмондӯстона манро Помир пешвоз гирифта буд.

Ин сафари корӣ, мисли саёҳати алоҳидае буд, ки барои ман ҳаяҷони зиёд бахшид ва ман орзу дорам, ки ба ин макони хеле зебо, дорои табиати бой ва беҳадду канор, бори дигар баргардам, аммо ин даъфа ҳамчун сайёҳ…

***Шабнам Шерматова. Менеджер проекта «Тилло Теппе»***

## Каме сухан дар бораи Бергман…..

Ин моҳ, дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи CinemArt, «Бактрия» ба тамошобинон филми вазнин, ва дар айни замон барҷастаи яке аз коргардонҳои асосии замони мо – Ингмар Бергманро пешкаш менамояд. «Вазнин» барои он мебошад, ки бештари филмҳои Бергман баландмаърифат мебошанд, ва дар доираи саволҳои психологӣ ва метафизикӣ дархӯрда шудаанд, гарчанде ки коргардон кӯшиш мекунад, ки асарҳои худро фаҳмотар ва пазиротар кунад. «Барҷаста» барои он ки Бергман таккурсии кинематографӣ, коллективӣ, бешууронаи моро гузоштааст ва синаморо ҳамчун воситаи изҳоркунии сифатҳои шахсӣ, дарунии мо кардааст.



Ингмар Бергман (1918-2007, зодаи Шветсия мебошад) ба туфайли тадқиқотҳои синаматографиаш, нисбати ҳоли инсон аз назари чунин мавзӯъҳо, мисли айёми кӯдакӣ, беморӣ, девонагӣ, муҳаббат, хиёнат, эътимод ва марг, дар ҳақиқат ба хотир ҳамчун «устоди синамо» мемонад. Боре Кристоф Киесловский гуфтааст: «Вай аз қатори шахсиятҳои камёбе, балки ягона коргардон дар ҷаҳон ҳаст, ки дар бораи табиати инсон ҳамон қадар ҳикоят кардааст, ки он қадар танхо Достоевский ва Камю нақл кардаанд».

Муҳаббати – саргум, боихтилоф, махфӣ, рад кардашуда мақоми давраҳои охири бештари асарҳои Бергман мебошад, мисли чунинҳо, мисол «Тобистон бо Моника» ***(A Summer with Monica)*** (1953) ва «Саҳнаҳо аз ҳаёти заношӯӣ» ***(Scenes from a Marriage)*** (1973), ҳамаи онҳо бо таҷриба ва ҳаёти шахсии ӯ алоқаманд карда шудаанд. Нисбат ба филми «Тобистон бо Моника», ки таҳти таъсири синамои неореалистии италянӣ эҷод шудааст, «Саҳнаҳо аз ҳаёти заношӯӣ» сабки индивидуалии Бергманро равшан нишон медиҳад ва таҳлили муомилаи зану шӯйро муаррифӣ мекунад. Бо тавассути фоҷиавӣ ва пуразоб ҷудо шудани занушӯйҳо, Бергман душвориҳои муборизаи яккаро бар зидди эҳсосотҳо ва орзухо, бо интизориҳо ва фишорҳои ҷомеа нишон медиҳад.

***«Саҳнаҳо аз ҳаёти заношӯӣ»*** дар айёми ба камолот расидани эҷодиёти Бергман ба навор гирифта шудааст ва ба экранҳо баъд аз як сол пас аз «Пичиросзаниҳо ва фарёдҳо» (1972), ки шоҳасари шинохташудаи Бергман мебошад, баромадааст. Ин филм тафсири кӯтоҳ кардашудаи (168 дақиқа) сериали хурде (295 дақиқа), ки аз 6 воқеаҳо (эпизодҳо) иборат буданд ва шӯҳрати ногуворро ба даст оварда, ба тадқиқотҳои иҷтимоии институти оила ва муносибатҳо такони ҷиддӣ бахшид ва сабаби ба вуҷуд омадани муносибатҳои муайяни бошиддат дар байни ҷуфтҳои ҷавон гардид.

Саволҳои вобаста ба табиати инсон, марг, танҳоӣ ва ақида, дар филмҳои «Мӯҳри ҳафтум» (1957) ва «Аз пушти шишаи тира» (1971) хеле равшан инъикос карда шудаанд. Ба шарофати якум филм Бергман эътирофи ҷаҳониро гирифт. Коргардони машҳури фаронсавӣ Эрик Ромер ин филмро «аз ҳама филми беҳтарин дар тӯли таърихи синаматография» номидааст.

26-уми ноябр дар МФ «Бактрия» намоиши филми «Саҳнаҳо аз ҳаёти заношӯӣ» (1973) баргузор мешавад. Филмҳои дигарро аз китобхонаи мо дастрас кардан мумкин аст.

***Антуан Бюиссон***
***Директории барномаҳои таълимӣ***